**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-076 назди Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ оид ба диссертатсияи Музафарзода Марҷонаи Шарифбег дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.5. - Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ**

1. Мавзуъ ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии Музафарзода Марҷонаи Шарифбег дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба шиносномаи ихтисоси 5.5.5. - Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ буда, метавонанд аз ҷониби шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-076 – и назди Институти давлат ва ҳуқуқи мавриди баррасӣ қарор гиранд.

2. Мубрамии мавзуъи таҳқиқотӣ дар он аст, ки рушди ҳамаҷонибаи ҷомеа ва умуман ояндаи дурахшони ҷомеа ва давлат аз ҳолати ҳуқуқии муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ вобастагии калон дорад. Дар таърихи муносибатҳои меҳнатии Тоҷикистон ва дар маҷмӯъ давлатдории тоҷикон бо татбиқи сиёсат ва бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муносибатҳои сифатан нав ба вуҷуд омаданд, ки ин ҳама дар меъёрҳои муқаррарнамудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос ёфтаанд.

Дар ин раванд ҳуқуқи меҳнат ба марҳилаи нави рушд ворид гардида, қонунгузорӣ оид ба меҳнати мамлакат дар заминаи арзишҳои бунёдии соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, соҳаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт ташаккул ёфта истодааст. Ин арзишҳои бунёдии ҳуқуқи меҳнат баъди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қонунгузорӣ оид ба меҳнат мустаҳкам гардиданд.

Дар аксарияти давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ва дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ, доир ба рушду инкишофи институти шарикии иҷтимоӣ, олимон таҳқиқиқоту таҳлилҳо гузаронида, назарияҳои маъмулу мухталиф пешниҳод намудаанд. Равандҳои таҳқиқотӣ-илмии рушду инкишофи институти шарикии иҷтимоӣ дар замони муосир низ аҳамияти хешро ба ҳайси объекти таҳлили илмӣ аз даст надода, баръакс, таваҷҷуҳи олимону муҳаққиқони

ватанию хориҷиро бештар ба худ ҷалб намудаанд. Сабаби асосии таваҷҷуҳи бештар ба рушду инкишоф ва танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар ҳама марҳилаҳо дар он аст, ки иҷтимоиёт ҷузъи таркибии ҳаёти инсон буда, ҷомеаи муосирро бе он тасаввур намудан номумкин аст.

Шарикии иҷтимоӣ ҳамчун шакли моҳиятан нави муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар он аст, ки: якум, корманд, танҳо аз объекти муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ будан, дар баробари молик-корфармо ба субъекти фаъоли ин муносибатҳо мубаддал шуд, ки танзими онҳо дар сатҳҳои гуногун сурат гирад; дуюм, муҳимтарин принсипи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар ин раванд иштироки баробари мақомоти ҳокимияти давлатӣ (Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти дахлдори давлатӣ, мақомоти дахлдори иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ), намояндагони корфармоён (Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва кормандон (Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, мақомоти соҳавии намояндагии кормандон, иттиҳодияҳои вилоятии намояндагони кормандон) мебошад.

Азбаски институти шарикии иҷтимоӣ барои Тоҷикистон ҳамчун як ҷумҳурии пасошӯравӣ падидаи нисбатан нав аст, рушди онро метавон нисбатан қаноатбахш тавсиф кард. Бо назардошти аҳамияти он, айни замон масъалаҳои рушду тавсеаи низоми шарикии иҷтимоӣ ба сифати яке аз бахшҳо ва ҳадафҳои муҳими стратегияву барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва дар Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 муайян шудаанд.

Зарурати таҳқиқи мавзуи таҳқиқотиро камтаҳқиқ будани мавзуъ ва коркард нашудани он дар самти таҳқиқотҳои илмӣ, инчунин такмилталаб будани танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ, бахусус номукаммалии дастгоҳи мафҳумии он, то охир коркард нашудани механизмҳои ҳуқуқии равандҳои шарикии иҷтимоӣ, ба миён овардааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар Тоҷикистон нахустин таҳқиқоти илмие мебошад, ки дар он паҳлуҳои гуногуни масоили шарикии иҷтимоӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷонибаи илмӣ қарор гирифтаанд. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳия ва асоснок намудани консепсияи мукаммали доктриналии танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун институти мустақили ҳуқуқи меҳнат, ифода меёбад. Дар диссертатсия мазмуни ҳуқуқии мафҳумҳои институти шарикии иҷтимоӣ ба мисли «муколамаи иҷтимоӣ» ва «музокироти коллективӣ» кушода шуданд. Хулоса шудаст, ки муколамаи иҷтимоӣ ва музокироти иҷтимоӣ асосан ҳамчун воситаҳои татбиқи муносибатҳои шарикии

иҷтимоӣ хизмат мекунанд. Аз ҷумла, муколамаи иҷтимоӣ чунин равандҳо: музокирот, машваратҳо, мубодилаи иттилоот ва бастани созишномаҳоро дар бар мегирад. Музокироти коллективӣ бошад, ин раванди муҳокима ва мувофиқа кардани мавқеи тарафҳои шарикии иҷтимоӣ дар сатҳи ташкилот: корфармо (намояндаи корфармо) ва кормандон (намояндагони онҳо, масалан, иттифоқҳои касаба) оид ба бастани шартномаи коллективӣ ва ҳалли дигар масъалаҳои иҷтимоию меҳнатӣ мебошад.

Дар таҳқиқот мафҳуми “шарикии иҷтимоӣ” пешниҳод мегардад, ки он метавонад дар таҳқиқоти илмии ин самт ва инчунин дар амалияи қонунгузорӣ мавриди истифода қарор гирад. Зарурати таҳкими меъёрии принсипҳои баробарҳуқуқии тарафҳо, озодии музокироти коллективӣ ва иштироки воқеии кормандон дар идоракунии ташкилот дар сатҳи қонунгузорӣ аз нигоҳи илмӣ асоснок гардидааст. Бо назардошти хусусиятҳои миллӣ ва стандартҳои байналмилалӣ, мазмун ва сохтори принсипҳои шарикии иҷтимоӣ мушаххас ва такмил дода

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дар шакли тавсияҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда манзур гардидаанд, аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ доранд. Онҳоро метавон дар раванди омӯзиш ва пажӯҳиши масоил ва паҳлуҳои гуногуни соҳаҳои мухталифи ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи меҳнат, ҳамчунин дигар илмҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ, ба монанди ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва ғ. истифода намуд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчун сарчашмаи илмӣ имкон дорад, ки дар раванди таълими фани «Ҳуқуқи меҳнати ҶТ» ва курсҳои махсуси «Ҳуқуқи корпоративии ҶТ», ҳамзамон, хулоса ва тавсияҳои илмии дар натиҷаи пажӯҳиши масъалаи институти шарикии иҷтимоӣ бадастомадаро метавон дар раванди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирад.

Муаллиф ба ҳадафи гузошташуда ноил гардида, ҳамаи вазифаҳои муайяншударо ҳал намудааст, объект ва предмети таҳқиқот - маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ, ки масъалаҳои шарикии иҷтимоиро танзим менамоянд, инчунин доктринаи илмии ватанӣ ва хориҷӣ вобаста ба ин масъала - дақиқ муайян шудаанд.

Усулҳои умумии илмӣ ва махсуси таҳқиқот муайян гардида, усулҳои умумиилмӣ ба мисли диалектика, индуксия, дедуксия ва синтез ва усулҳои хоси ҳуқуқӣ ба монанди таърихӣ-ҳуқуқӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-ҳуқуқӣ, низомнок ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ба таври васеъ истифода гардидаанд.

Диссертатсия дар асоси таҳлили ҳаҷми назарраси санадҳои байналмилалию ҳуқуқӣ ва меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин маводи муқоисавию ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ омода гардидааст. Аз ҷониби муаллиф муқоисаи низомнок ва арзёбии равишҳо анҷом дода шуда, хулосаҳо дар заминаи таҳлили мукаммали ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо навгонии илмӣ, равишҳои мустақилона, дараҷаи баланди эътимоднокӣ, инчунин таҳлили муфассали вазъи ҷорӣ ва роҳҳои такмили танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фарқ мекунанд.

3. Натиҷаҳо ва муқаррароти асосии илмии диссертатсия дар **12** мақолаи муаллиф, аз ҷумла **6** мақолае, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, тавсияшуда аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, инъикос ёфтаанд. Ин ба бандҳои 34–35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

4. Автореферати диссертатсия (гунаи тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи Музафарзода М.Ш. ҳолатҳои истифодаи ғайриқонунии муқаррароти илмӣ бе истинод ба манбаъ мавҷуд нестанд. Ҳамаи маводи истифодашуда дуруст тартиб дода шуда, дар истинодҳо нишон дода ва дар рӯйхати манбаъҳо ва адабиёт оварда шудаанд.

5.Диссертатсия таҳқиқоти илмии мустақилона ва анҷомёфта буда, шахсан аз ҷониби муаллиф иҷро гардидааст, дорои ягонагии дохилӣ, пайдарҳамии баён, сохтори мантиқӣ ва асоснокии хулосаҳо мебошад ва ба талаботе, ки нисбат ба диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод мегарданд, ҷавобгӯ мебошад.

Комиссияи экспертӣ, диссертатсияи Музафарзода Марҷонаи Шарифбег дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.5. - Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ, баррасӣ намуда, мутобиқи банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Музафарзода Марҷонаи Шарифбег дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.5. - Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ ба сифати муқарризони расмӣ муҳаққиқони зеринро тавсия медиҳад:

- Одиназода Рамазон Сафар, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, директори Муассисаи давлатии “Маркази барномаҳои байналмилалӣ”;

- Бобокалон Ғоиб Мерган, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Пешниҳод мегардад, ки ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон дар бораи ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ ва КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

5. Нашри автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 нусха) иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
аъзои шӯрои диссертатсионӣ — Нематов А.Р.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
узви шуро, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент — Назарзода Д.К.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ — Мирзозода Ш.М.

Имзои Нематов А.Р.-ро **тасдиқ менамоям**:
Нозири калони кадрҳои ИДҲ-и АМИТ — Давлатмуродзода Б.Д.

Имзои Назарзода Д.К.-ро **тасдиқ менамоям**:
сармутахассиси шуъбаи кадрҳо, котибот ва корҳои махсуси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон — Давлатшозода Д.С.

Имзои Мирзозода Ш.М.- ро **тасдиқ менамоям**:
Сардори РК ва КМ-и ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ — Қодирзода С.

«20» апрели 2026